**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 019-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, тахти № 15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Қобили қайд аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон – «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд» омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Бояд зикр кард, ки дар асоси меъёрҳои моддаи 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба саломатӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд маҳсуб ёфта, ҳамчунин, дар санадҳои муҳимми ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос гардидааст.

Ин ҳуқуқи конститутсионии инсон мутобиқи м. 2 КҶ ҶТ ба ҳайси объекти ҳифзи Кодекс дохил шуда, дар м.м. 110-129 КҶ ҶТ барои зарар расонидан ба саломатӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст[1]. Дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд[2]. Маврид ба зикр аст, ки новобаста аз ин муқаррарот қонунгузорӣ оид ба ҳифзи саломатӣ, махсусан ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар расонидан ба саломатӣ аз камбудиҳо орӣ нест. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба масъалаи мазкур аҳаммияти калони назарию амалӣ дорад.

Масъалаи эътироф, арзишмандӣ ва ҳифзи ҳуқуқи саломатии инсон дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Президент ва Ҳукумати ҶТ қарор дорад. Бо дарки зарурат ва аҳаммияти масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз санаи 21.12.2021 изҳор намудаанд, ки «Рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ, ки яке аз бахшҳои муҳим мебошад, минбаъд низ ҳамчун

---

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998, №574. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 01.02.2023).

[2] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, тахти №005 тасдиқ шудааст // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/index_tj.fwx (санаи мурочиат: 01.02.2023).

самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад». Дар ҷои дигар иброз намудаанд, ки «Барои ҳар як давлат солимии аҳли ҷомеа зарур мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд халқамонро солим нигоҳ дорем ва барои тандурустии он тамоми шароитро фароҳам оварем». Ҳукумати кишвар ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба масъалаи ҳифзи саломатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Эътироф ва ҳифзи ҳуқуқ ба саломатӣ ҳамчун арзиши олӣ дар сатҳи қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ, Кодекси тандурустии ҶТ ва муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар расонидан ба саломатии инсон дар сатҳи қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, Кодекси ҷиноятии ҶТ дастоварди даврони соҳибистиқлол оид ба ҳифзи саломатӣ ба ҳисоб меравад. Аммо, дар баробари дастовардҳои зиёди назариявию амалӣ дар баъзе аз қисматҳои қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ ҳанӯз нуқсонҳо мавҷуданд, ки таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамоянд. Ҳолати имрӯза ва дурнамои рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ аз мубрамияти бештари мавзуи таҳқиқшаванда дарак медиҳад.

Дар ҶТ ҷиҳати пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла, ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ чораҳои назаррас андешида шуда истодаанд. Қабул гардидани Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, таҳияи Лоиҳаи нави КҶ ҶТ аз ин шаҳодат медиҳад. Вале мувофиқи маълумотҳои оморӣ сатҳи ҷинояткорӣ дар ҶТ ҳоло ҳам рӯ ба афзоиш дорад. Тавре аз маълумотҳои омории Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ бармеояд, оид ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м. 111-и КҶ ҶТ) дар соли 2018 – 227 нафар, соли 2019 – 216 нафар, соли 2020 – 226 нафар ва дар соли 2021 – 225 нафар бо ҳукми судӣ маҳкум гардидаанд.

Дар рӯйхати ҷиноятҳои бақайдгирифташуда сатҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла, дуздӣ ва қаллобӣ бештар буда, онҳо вобаста ба шумора дар мавқеъҳои аввалин ҷойгир мебошанд. Сатҳи содиршавии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ назаррас буда, шумораи зиёди содиршавии ин ҷиноят ба назар мерасад. Масалан, соли 2017 – 145 адад, соли 2018 –168 адад, соли 2019 – 120 адад, 2020 – 131 адад, 2021 – 111 ҳолати навӣ содиршавии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Аз ин ҷо зарурати омӯзиши вазъи танзими қонунгузории таркиби ҷиноятӣ мазкур ва ҷавобгарӣ барои содирнамоии он, такмил додани амалияи дахлдори ҳуқуқтатбиқнамоӣ, баланд бардоштани фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад.

Ҳамзамон дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ масъалаҳои зиёди баҳснок вобаста ба бандубасти кирдорҳои дорои аломати қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо мешаванд. Ин пеш аз ҳама, ба проблемаҳои фарқгузорӣ намудани қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таркиби ҷиноятҳои муҷовир ба монанди қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (м. 110 КҶ ҶТ), қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ (112 КҶ ҶТ), лату кӯб (116 КҶ ҶТ) ва ғайра дахл дорад. Дар амалия ҳолатҳое дучор мегарданд, ки кирдор дар аввал ҳамчун қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (м. 110 КҶ ҶТ) бандубаст гардида баъдан ҳамчун қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сари нав бандубаст карда мешавад ё баръакс.

Чунин ҳолат ба таносуби таркиби қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва латту кӯб (116 КҶ ҶТ) низ таалluқ дорад. Дар баъзе ҳолатҳо саҳв нисбати бандубаст ҳангоми баҳои нодуруст додан ба шиддатнокиву дараҷаи зӯроварӣ, инчунин нодуруст баҳо додан ба усули содир намудани ҷиноят ҷой дорад.

Ғайр аз ин бояд зикр намуд, ки дар КҶ ҶТ таҷрибаи батанзимдарории таркиби ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давлатҳои дигар ҷой дорад ба инобат гирифта шуда, ҷиҳатҳои мусбати он дар такмил додани таркиби ҷинояти мазкур дар КҶ ҶТ истифода шаванд.

Дар асоси гуфтаҳои зикршуда таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими конунгузории қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.

Дар умум, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Боби якуми диссертатсия – «Танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ: таҳлили таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ»** аз ду зербоб иборат буда, дар доираи он масъалаҳо вобаста ба танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ: таҳлили таърихӣ муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

**Боби дуюми диссертатсия – «Тавсифи ҳуқуқии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ»** аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур тавсифи ҳуқуқии ҷинояти қасдан расонидани зарари

миёна ба саломатӣ мавриди таҳлил қарор шудааст, аз се зербоб иборат аст. **Дар зербоби якуми боби дуюм** – «Объект ва предмети ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ» **мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Зербоби дуюми боби дуюм ба** «Тарафи субъективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ» **бахшида шудааст. Зербоби сеюми боби дуюм ба** « Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ» **бахшида шудааст. Дар зербоби чоруми диссертатсия** – «Аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ» **аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қ. 2, м. 111 КҶ ҶТ муқаррар шудаанд, дар вобастагӣ бо амалияи татбиқшавии онҳо мавриди таҳлил ва баҳогузорӣ қарор гирифтааст.**

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович аввалин таҳқиқоти илмии ба забони тоҷикӣ таҳия шуда мебошад, ки дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ, муайян намудани тарзу усул ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муқовимат бар зидди чунин категорияи ҷиноят истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз якчанд навгониҳо иборат мебошад:

1. Барои боз ҳам равшантар шудан барои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, махсусан барои судя ҷиҳати баровардани ҳукми одилона беҳтар мебуд, ки дар эзоҳи моддаи 111-и КҶ ҶТ мафҳуми “харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ” шарҳ дода шавад.

2. Диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ танҳо аломатҳои саломатии ҷисмонии инсонро ифода кардааст, вале аломатҳои саломатии равонии инсон аз мадди назар дур мондаанд. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки дар диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ дар баробари ифодаи "*харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ*" ифодаи "*аз даст додани қобилиятҳои равонӣ ва саломатии равонӣ, ки ба бемориҳои руҳӣ монанд нест*" илова карда шавад.

3. Дар диспозитсияи қисми дуюм банди зерин илова карда шавад: "*нисбати шахси баръало ноболиғ, ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор аён аст*"

4. Бинобар сабаби он, ки бераҳмии махсус дараҷаи зарари расонидашударо меафзояд ва ҳамзамон шабеҳ будани банди г. м. 111 ба банди ж. м. 117-и КҶ ҶТ беҳтар мешуд, ки аз қисми дуюми моддаи 111-и КҶ ҶТ банди г) "*бо бераҳмии махсус*" хориҷ карда мешуд.

5. Гипотеза ва диспозитсияи моддаҳои 110, 111 ва 112-и КҶ ҶТ бо ҳамдигар шабеҳ мебошанд, вале дар диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ танҳо ифодаи "*оқибатҳои дар моддаи 110 ҳамин Кодекс пешбинишударо ба миён наовардааст*" муқаррар шудааст. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки дар диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ ҳамзамон ифодаи зерин илова гардад: "*оқибатҳои дар моддаи 112-и ҳамин Кодекс пешбинишударо ба миён наовардааст*".

6. . Ҳамчунин, истифодаи мафҳуми *«зарар»* муайяну мушаххас нест, зеро *«зарар»* ҳам хусусияти молумулкӣ ва ҳам хусусияти шахсии ғайримолумулкӣ (ҳаёт, саломатӣ, қадру қимат, обрӯ ва ғ.)-ро ифода менамояд. Истифодаи калимаи *«зиён»* фаҳмо ва муназзам ба назар мерасад. Аз ин рӯ, калимаи *«зарар»,* ки дар диспозитсияи м. 111 КҶ ҶТ оварда шудааст, ба калимаи *«зиён»* иваз карда шавад. Бинобар ин, номи

м. 111 КҶ ҶТ ба “Қасдан расонидани зиёни миёна ба саломатӣ” иваз карда шавад.

Дар рисолаи илмии мазкур бори аввал таҷрибаҳои муосир ва маълумоти омории кишвар вобаста ба масъалаҳои масъалаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, ки дар адабиёти илмӣ ва парвандаҳои судиву тафтишотӣ мавҷуданд, оварда шудааст. Ҳамамон, муаллиф дар рисолаи илмӣ таҷрибаҳои муосир ва маълумоти омории кишварро вобаста «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», мавриди матраҳ қарор гирифта, ҷавобгарӣ барои содиршавии он дар марҳилаҳои гуногуни таърихи ҶТ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ, аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва татбиқи он дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ ҳамчун навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб мешавад, ки ба ҳамаи ҷанбаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ рабт дорад. Инчунин, ба тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии м. 111 КҶ ҶТ диққат дода, алоқамандӣ ва дигаргунии онро бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ муқоиса карда шудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ

шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст бештари масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон додааст, ки ин хадафи асосиашро ташкил медиҳад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо барои истифода аз онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида, бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишу малака ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас зиёд мегардонад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар оянда ба заминаҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ тақвият бахшида, барои инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин ба дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқшаванда мусоидат менамояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссератсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои аз ҷониби диссертант таҳиягардида ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳангоми омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бандубасти ҷинояти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар фаъолияти қонунгузории кумитаҳо ва комиссияҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотикорҳои дохилӣ, дар рафти таҳқиқоти илмӣ, зимни бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар донишгоҳу донишкадаҳо, самаранок истифода шаванд.

Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи судӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбударо пурра менамоянд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем.

1. Дар нуқтаи илмии назариявии №4, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, муаллиф зикр менамояд, ки «Дар асоси он чи матраҳ гардид, арзёбии категория саломатиро ҳамчун предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ имконпазир медонем». Масъалаи мавриди назар мубоҳисавӣ буда, ба сатҳи рисола таъсири манфӣ намерасонад. Хуб мешуд агар муаллиф роҷеъ ба ин масъала нуктаи назари худро ироа менамуд.

2. Унвонҷӯ дар таҳқиқоти диссертатсионии худ пешниҳод менамояд, ки дар диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ танҳо аломатҳои саломатии ҷисмонии инсонро ифода кардааст, вале аломатҳои саломатии равонии инсон аз madди назар дур мондаанд. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки дар диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ дар баробари ифодаи *"харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ"* ифодаи *"аз даст додани қобилиятҳои равонӣ ва саломатии равонӣ, ки ба бемориҳои руҳӣ монанд нест"* илова карда шавад (саҳ. 17 дисс). Оиди нуктаи назари ироашуда фикри диссертант шунида шавад.

3. Дар пешниҳоди №6 муаллиф манзур намудааст, ки ба ивази калимаи «зарар», истифодаи калимаи «зиён» фаҳмо ва муназзам ба назар мерасад, лекин пешниҳоди худро ҳамартарафа асоснок накардааст, ки ин зарурати ворид намудани тағйиру иловаро аз байн мебарад, бинобар ин лозим аст, пешниҳоди худро дар вакти ҳимоя муфассал иброз намояд.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо забони давлатӣ навишта шуда, бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ мекунад ва рисоларо ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҷдид намудааст, ки ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Унвонҷӯ муаллифи дар маҷмуъ 12 мақолаҳои илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мебошад, ки аз ин 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои ватанӣ интишор шудаанд. Ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд.

Қобили қайд аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Муқимов С.Д. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноятҳои ба муқобили саломатӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боиси он мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо, инчунин дар амалия, бахусус аз ҷониби кормандони оперативӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дар рафти тафтишоти пешакӣ ва судӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Мукимов С.Д.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Муқимов Сафарбек Давлатбекович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии**
**факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи**
**Славянии Россия ва Тоҷикистон** **В.А. Абдуҳамитов**

28.08.2023

**Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи Славянии**
**Россия ва Тоҷикистон** **А.А. Раҳимов**